***ТДУ 339.543(575.3)***

| | |
|---|---|
| ***САМТҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭКСПЕРТИЗАИ ГУМРУКӢ ДАР РАВАНДИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ТОҶИКИСТОН*** | ***Раҷабова Нурҳаёт Раҷабовна,*** *н.и.и, дотсенти кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)* |
| ***ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ТАМОЖЕННЫХ ЭКСПЕРТИЗНЫХ УСЛУГ В ПРОЦЕССЕ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ТАДЖИКИСТАНА*** | ***Раджабова Нурхаёт Раджабовна,*** *к.э.н., доцент кафедры таможенное дело Таджикского государственного университета коммерции (Таджикистан, Душанбе)* |
| ***MAIN DIRECTIONS OF IMPROVING THE QUALITY OF CUSTOMS EXPERTISE SERVICES IN THE PROCESS OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN*** | ***Rajabova Nurkhayot Rajabovna,*** *PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Customs Affairs of the Tajik State University of Commerce,* ***E-mail.*** *drrajab@mail.ru,* ***(****Tajikistan, Dushanbe)* |

***Калидвожаҳо:*** *сифат, хизматрасониҳои экспертизаи гумрукӣ, Лабораторияи маркази гумрукӣ, низом ва назорати гумрукӣ, таҳлили – PESTLE, самтҳо, дурнамо*

*Асосҳои методии баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои экспертизаи гумрукӣ дар раванди рушди инноватсионӣ баррасӣ шудааст. Диққати асосӣ ба арзёбии нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқи рушди инноватсионии экспертизаи гумрукӣ дар Лабораторияи маркази гумруки Тоҷикистон, аҳаммияти самтҳои таҳқиқшудаи инноватсионии гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ҳангоми назорати гумрукии молҳо, натиҷагирӣ аз PESTLE – таҳлили сатҳу сифати хизматрасониҳои экспертизаи гумрукӣ, муайян кардани сатҳи дурнамоӣ нишондиҳандаҳои низоми гумрукӣ ва Лабораторияи маркази гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дода шудааст.*

***Ключевые слова:*** *качество, услуги таможенной экспертизы, центральная таможенная лаборатория, таможенная система и контроль, PESTLE - анализ, тенденции, перспективы.*

*Рассматриваются методические основы повышения качества услуг таможенной экспертизы в процессе инновационного развития. Основное внимание уделено оценке основных показателей исследования инновационного развития таможенной экспертизы в Центральной таможенной лаборатории Таджикистана, значимости исследуемых инновационных направлений таможенной экспертизы при проведении таможенного контроля товаров, результаты PESTLE - анализ уровня и качества услуг таможенной экспертизы, определении перспективных уровней показателей таможенной системы и Центральной таможенной лаборатории на период до 2030 года.*

***Key words:*** *quality, customs examination services, central customs laboratory, customs system and control, PESTLE - analysis, trends, prospects.*

*The article examines the methodological foundations for improving the quality of customs examination services in the process of innovative development. The main attention is paid to the assessment of the main indicators of the study of innovative development of customs examination in the Central Customs Laboratory of Tajikistan, the significance of the studied innovative areas of customs examination in the customs control of goods, the results of PESTLE - analysis of the level and quality of customs examination services, determining the prospective levels of indicators of the customs system and the Central Customs Laboratory for the period up to 2030.*

Рушди инноватсионии Тоҷикистон бевосита дар асоси баҳисобгирии таъсири омилҳои зиёд, пеш аз ҳама, истифодаи иқтидори содиротии кишвар ва воридоти мол аз дигар давлатҳо бо назардошти истифодаи оқилонаи шартҳои тиҷоратии молрасонӣ таъмин карда мешавад. Ҳангоми ҳалли масоили мазкур мавқеи хадамоти гумрук ниҳоят муҳим буда, ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои гурукӣ, пеш аз ҳама, самаранок гузаронидани экспертизаи гумрукии молҳо вобаста аст. Мутаассифона ҷиҳати пешбурди ин раванд ҳамаи имкониятҳо истифода намешаванд, сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надорад, бинобар ин масъалаи такмили асосҳои методию амалӣ ба миён омадааст. Аз тарафи дигар, ҳалли ин масъала коркарди самтҳои мухталифи

хизматрасониҳо ва экспертизаи гумрукиро бо назардошти ба ҳисоб гирифтани тағйирот дар санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ оид ба содироту воридот талаб менамояд. Аз ин рӯ асосноккунӣ, коркард ва таҳияи самтҳои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои экспертизаи гумрукӣ боз ҳам мубрамтар мегардад.

Қабули қарори идоракунӣ хело мураккаб буда, аз шароити гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ва арзёбии таъсири омилҳои зиёд вобаста аст. Тибқи асосҳои меъёрӣ иҷроиши амалиётҳо барои расидан ба натиҷаҳои интизорӣ бояд имконият диҳад.

Вазифаи асосии гузаронидани экспертизаи гумрукӣ риояи талабот ҳангоми иҷрои назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт бо мақсади ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷети давлатӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолгарон мебошад. Дар раванди гузаронидани хизматрасониҳои экспертизаи гумрукӣ бояд воситаҳои техникӣ, пояи моддию техникии лабораторияи гумрукӣ, идораи кормандон ва технологияҳои рақамӣ самаранок истифода шавад.

Ҳангоми таҳқиқот истифода бурдани равияи низомманд ба тарзи мушаххас ва аниқ муайян кардани ҳадафҳои экспертизаи гумрукӣ, мақсад, меъёрҳо ва вазифаҳо мувофиқи мақсад аст. Мутаассифона ҳангоми назорати гумрукӣ дар ин таҳқиқот арзёбии экспертизаи гумрукии мол ба пуррагӣ сурат нагирифтааст [5,с.7]. Бо назардошти ин дар ин мақола самтҳои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои экспертизаи гумрукӣ дар раванди рушди инноватсионӣ баррасӣ шудааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки мақомоти гумруки Тоҷикистон дар солҳои охир ба натиҷаҳои назаррас ноил шудааст [4, с.6-7;], вале баъзе масоил дар низоми экспертизаи мол ва назорати гумрукӣ то ҳол ҳалталаб боқӣ мемонанд. Дар раванди таҳқиқи назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт гузаронидани экспертизаи гумрукиро дар асоси муайян намудани нишондиҳандаҳои баҳодиҳии арзёбӣ ва пешбурди онро дар Лабораторияи марказии гумруки (ЛМГ) Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Тоҷикистон (ХГ ҶТ) зарур мешуморем. Таҳлили фаъолияти ЛМГ-и Тоҷикистон дар кори [7] анҷомдодаи мо баррасӣ шудааст. Номгӯйи ин нишондиҳандаҳо барои таҳқиқи рушди инноватсионии гузаронидани экспертизаи гумрукӣ дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

***Ҷадвали 1- Нишондиҳандаҳои асосӣ барои таҳқиқи рушди инноватсионии гузаронидани экспертизаи гумрукӣ дар ЛМГ***

| **Нишондиҳандаҳои натиҷавӣ** | | **Нишондиҳандаҳои мобайнӣ** | | | | **Нишондиҳандаҳои воридотӣ** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромаднокӣ, ҳазор сомонӣ | Ҳосилнокии меҳнат, ҳазор сомонӣ/одам | Коэффитсиенти идоракунии нисбӣ | Коэффитсиенти консентратсияи гузаронидани экспертизаи гурукӣ | Коэффитсиенти махсусгардонии гузаронидани экспертизаи гумрукӣ | Коэффитсиенти интенсификатсияи гузаронидани экспертизаи гумрукӣ | Фондҳои гардон, ҳазор.сомонӣ | Фондҳои асосӣ, ҳазор сомонӣ | Фонди музди меҳнати кормандон, ҳазор сомонӣ |
| $X_9$ | $X_8$ | $X_7$ | $X_6$ | $X_5$ | $X_4$ | $X_3$ | $X_2$ | $X_1$ |

**Сарчашма**: пешниҳои муаллиф дар асоси мониторинги фаъолияти ЛМГ ХГҶТ

Бо назардошти истифодаи ҷадвали 1 ҳангоми таҳқиқи самтҳои рушди инноватсионӣ ва баҳодиҳии самаранокии гузаронидани экспертизаи гумрукӣ дар лабораторияи гумрукӣ, тавсияҳои илмӣ амалӣ оид ба коркарди модели самтҳои афзалиятнок истифода бурда шудааст. Натиҷаи онҳо дар асоси истифодаи методи таҳлили оморӣ - сурат гирифтааст [8, с.19 ].

Барои тартиб додани моделҳои риёзию иқтисодӣ матритсаи баръакси вазнҳо истифода шуда, ҳисобкунии онҳо бо ёрии барномаи стандартии компютерӣ анҷом дода мешавад. Аз тарафи дигар, пешниҳоди блок-схемаи ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои асосии гузаронидани экспертизаи гумрукӣ бо назардошти омили вақт ва истифодаи барномаҳои компютерӣ, сари вақт натиҷагирии онҳо дар ташкилотҳои гумрукӣ зарур шуморида мешавад [5,7]. Дар асоси натиҷагирӣ, самтҳои инноватсионии рушди экспертизаи гумрукӣ дар ЛМГ пешниҳод карда шуданд:

1. такмили механизми банақшагирӣ ва ташкили гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ($K_1$);

2. такмили усулҳои идоракунии фаъолияти лабораторияи экспертизаи гумрукӣ ($К_2$);
3. мукаммалгардонии пояи моддию техникии ЛМГ ($К_3$ );
4. мукаммалгардонии таркиби парки воситаҳои техникии гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ҳангоми назорати гумрукии фаврӣ дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ ($К_4$).

Самтҳои номбаршуда мазмуни муайяни иқтисодӣ дошта, раванди гузаронидани экспертизаи гумрукиро ҳаматарафа тавсиф мекунанд. Бузургии қимати коэффисиентҳои ҳисобкардашуда аз рӯйи дараҷаи аҳаммиятнокӣ дар фаъолияти низоми гумрукӣ дар ҷадвали поён оварда шудааст. (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2**-Аҳаммияти самтҳои таҳқиқшудаи инноватсионии гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ҳангоми назоратии гумрукии молҳо

| Дар ЛМГ хадамоти гумрук | Вазни қиёсии самтҳои ҷудогона, % | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ($К_1$) | ($К_2$) | ($К_3$) | ($К_4$) |
| 100,0 | 36,5 | 32,9 | 23,6 | 7,0 |

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси арзёбии самтҳои рушди инноватсионии ЛМГ ХГҶТ.

Марҳалаи дигари муҳим арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ ин гузаронидани экспертизаи гумрукии раванди экологӣ мебошад, ки дар адабиёти муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст [1, с.7] . Вобаста аз ҳаҷми умумии хароҷот, таъсири он ба амалиётҳои хоҷагидорӣ арзёбии якчанд намуди самаранокӣ дар миқёси кишвар, минтақа ва корхонаю ташкилот ҳисоб карда мешавад.

Дар айни замон, ҳангоми ҳисоб намудани тамоми намуди хароҷот ва омилҳои таъсиррасон ба онҳо барои ҳар як вариант ба шакли муқоисашаванда сурат мегирад. Ҳисоби варианти самараноктарин аз рӯйи меъёрҳои муайяншуда, инчунин барзёбии самаранокии муқоисавӣ ва иқтисодӣ дар асоси баҳисобгирии омили вақт баргузор мегардад. Аз тарафи дигар самаранокии иқтисодии тадбирҳои ҷудогонаи самтҳои рушди инноватсионӣ низ муайян карда мешавад.

Дар асоси арзёбии натиҷаҳои иҷтимоию экологии татбиқи тадбирҳои рушди инноватсионӣ аз рӯйи меъёрҳои муқarrаргардида, нишондиҳандаҳои иҷтимоию экологӣ, иқтисодиёти сабз, инчунин таъсиррасонӣ ба муҳити зист ва соҳаи иҷтимоӣ гузаронида шуда, инкишофи рақобати солим, татбиқи тадбирҳои зиддиинҳисорӣ, тағйир додани шаклҳои моликият, арзёбии сифати хизматрасонӣ ва ғайра ба инобат гирифта мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки раванди арзёбии сифати хизматрасониҳои экспертизаи гумрукӣ дар лабораторияи марказии гумруки (ЛМГ) Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Тоҷикистон (ХГҶТ) гузаронида мешавад. Аз ин рӯ, мо истифодаи усули PESTLE – таҳлилро дар асоси муайян намудани омилҳои таъсиррасон зарур медонем [11]. Мо PESTLE – таҳлилро дар ЛМГ дар давоми солҳои 2022 ва 2023 гузаронидем ва натиҷаи он дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

***Ҷадвали 3.-Натиҷагирӣ аз PESTLE – таҳлили гузаронидашудаи сатҳу сифати хизматрасониҳои экспертизаи гумрукӣ дар ЛМГ***

| № р/т | Номгӯйи омилҳои таъсиррасон | Баҳои муҳиммият барои ЛМГ (ХГ) [1, ..., 7] | Баҳои дараҷаи таъсир ба ЛМГ (ДГ) [1, ..., 10] | Самти натиҷагирӣ (S) (+/-) | Баҳодиҳии натиҷаҳо (ХГ)*(ДГ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Риояи талаботи СУС ва СУГ ҳангоми гузаронидани ХЭГ | 7 | 10 | + | +70 |
| 2. | Рушди муносибатҳои мутақобила бо давлатҳои ИИАО доир ба масъалаҳои ХЭГ | 6 | 9 | + | +54 |
| 3. | Тағйирёбии нархи маводҳои истифодашаванда ва қувваи барқ ҳангоми гузаронидани экспертизаи гумрукӣ | 7 | 9 | - | -63 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4. | Диверсификатсияи содироту воридоти молҳо ва пешниҳоди имтиёзҳо ба соҳибкорон | 6 | 7 | - | -42 |
| 5. | Пузӯр намудани назорати молиявӣ дар ЛМГ | 6 | 10 | + | +60 |
| 6. | Мукаммалгардонии низоми идораи кадрҳо дар ЛМГ | 7 | 6 | + | +42 |
| 7. | Ҷорӣ намудани низоми мосири ҳавасмандгардонии молиявӣ ва маънавии кормандони ЛМГ | 5 | 6 | + | +30 |
| 8. | Модернизатсия ва автоматиконии раванди гузаронидани экспертизаи гумрукӣ | 6 | 6 | + | +36 |
| 9. | Таъсиси платформаи иттилоотии экспертизаи гумрукӣ дар СЯАИ ва «Равзанаи ягона» | 7 | 10 | + | +70 |
| 10. | Пурра ба роҳ мондани низоми электронии пешбурди экспертизаи гумрукӣ | 7 | 10 | + | +70 |
| 11. | Такмили механизми танзими тарифию гумрукӣ ҳангоми экспертизаи гумрукӣ | 6 | 8 | + | +48 |
| 12. | Беҳдошти самараи муносибати мутақобила бо кишвар. аъзои СУС | 5 | 9 | + | +45 |
| 13. | Иштирок дар барномаҳои рушди иқтисодиёти сабз | 5 | 7 | + | +35 |
| 14. | Фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагонии кормандони ЛМГ | 6 | 7 | + | +42 |

***Сарчашма: натиҷагирӣ ба истифодаи PESTLE – таҳлил дар ЛМГ тӯли солҳои 2022-2023.***

Аз натиҷаҳои PESTLE – таҳлил дар ЛМГ (ҷадвали 3) бар меояд, ки дар асоси онҳо хулосаҳои зеринро пешниҳод намудан зарур аст:

1. Омилҳои асосие, ки ба сатҳу сифати хизматрасониҳои экспертизаи гумрукӣ таъсир мерасонанд, ҳатман риоя намудани талаботи СУС ва СУГ ҳангоми гузаронидани экспертизаи гумрукӣ, таъсиси платформаи иттилоотии экспертизаи гумрукӣ дар СЯАИ ва «Равзанаи ягона», пурра ба роҳ мондани низоми электронии пешбурди экспертизаи гумрукӣ дар асоси сари вақт овардани намуна ва чошнӣ ба ЛМГ, пурзӯр намудани назорати молиявӣ дар ЛМГ, такмили механизми танзими тарифию гумрукии ҳангоми гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ба ҳисоб мераванд.

2. Ҳамчун омилҳое, ки ба экспертизаи гумрукӣ таъсир мерасонанд тағйирёбии нархи маводҳои истифодашаванда ва қувваи барқ ҳангоми гузаронидани экспертизаи гумрукӣ, диверсификатсияи содироту воридоти молҳо, баррасии системаи идораи хавфҳои гумрукӣ ва пешниҳоди имтиёзҳо ба соҳибкорон ба ҳисоб мераванд.

3. Барои беҳдошти фаъолияти ЛМГ фароҳам овардани шароити мусоид ба зисту зиндагонии кормандони он, беҳдошти самараи муносибати мутақобила бо кишварҳои аъзои СУС, ҷорӣ намудани низоми мосири ҳавасмандгардонии молиявӣ ва маънавии кормандони ЛМГ, мукаммалгардонии низоми идораи кадрҳо, модернизатсия ва автоматикикунонии раванди гузаронидани экспертизаи гумрукӣ зарур шуморида мешавад.

Дар маҷмуъ барои беҳдошти сатҳу сифати экспертизаи гумрукӣ таҳия ва татбиқи стратегияи рушди устувори ЛМГ зарур дониста, истифодаи захираҳои молиявиро аввалиндараҷа мешуморем.

Баъдан бо истифода аз натиҷаҳои болоӣ мо пешгӯйиҳои нишондиҳандаҳои рушди низоми гумрукӣ ва хизматрасониҳоро оид ба таъмини экспертизаи гумрукии молро то соли 2030 барои тамоми ҷумҳурӣ таҳия кардем. Илова бар ин, дурнамои нишондиҳандаҳои фаъолияти Лабораторияи марказии гумруки ХГҶТ пешбинӣ шудаанд.

Умуман, методологияи истифодашуда, ба ҳалли мушкилоти муайян кардани параметрҳо барои оянда мусоидат мекунад. Натиҷаҳои пешгӯйии нишондиҳандаҳои асосие, ки фаъолияти мақомоти гумрук ва ЛМГ-ро баҳо мекунанд дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.- Сатҳи дурнамои нишондиҳандаҳои низоми гумрукӣ ва Лабораторияи марказии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.**

| № бт | Нишондиҳандаҳо | Муодилаи ҳисобӣ | 2025 | 2030 | Суръати миёнаи афзоиш,% |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҷамъи пардохтҳое гумрукӣ, ки ба буҷети давлатӣ ситонида мешаванд, млн. сомонӣ | y = 593,9*x+3685,6; $R^2$ = 0,9382 дар шароити мусоиди рушд | 9623,5 | 12591,5 | 105,52 |
| 2. | Миқдори молҳое, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаванд, млн. тонн. | y = 450,69,9*x +5878,1; $R^2$ = 0,8487 | 10385,0 | 12638,45 | 104,01 |
| 3. | Миқдори назорати гумрукии молҳо ва воситаҳои нақлиёт ҳазор адад. | y = 12192,9*x +48205; $R^2$ = 0,9167 | 170125 | 231085 | 106,32 |
| 4. | Миқдори хизматрасониҳо барои экспертизаи гумруқи дар ЛМГ, адад | У=166,64*x+1489,6; $R^2$ = 0,9955 | 2989 | 3823 | 108,44 |
| 5. | Арзиши умумии фондҳои асосии ЛМГ, ҳазор.сомонӣ | y = 566,47$x^{0,3775}$; $R^2$ = 0,8905 | 1351,0 | 1574,5 | 102,91 |
| 6. | Ҳаҷми савдои хориҷӣ, млн.доллар | У=660,61*x+2845,7; $R^2$ = 0,8386 | 9451,8 | 12754,9 | 106,18 |

***Сарчашма**: ҳисобҳои муаллиф бо истифода аз барнома*

Бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои бадастомада ба шартҳои $(y - y)^2$ =min мувофиқат мекунанд 7[3с. с. ]. Қимати бадастомадаи коэффисиенти коррелятсия ва хатои миёнаи наздикшавиро асос намуда, чунин хулоса баровардем, ки ба моделҳои пешниҳодшуда дар давраи мавриди баррасӣ баҳои мусбат додан мумкин аст. Аз тарафи дигар, ҳангоми пешгӯйии параметрҳои асосӣ мо масъалаҳои маблағгузорӣ ва зарурати патернализми давлатиро дар низоми гумрук ба назар намегирем.

Натиҷаҳо (ҷадвали 4) нишон медиҳанд, ки дар давра мавриди баррасӣ зиёд шудани сатҳи нишондиҳандаҳои асосие, ки рушди мақомоти гумрукӣ ва ЛМГ-ро тавсиф мекунанд, ба назар мерасад.

Инчунин онҳо имкон медиҳанд, ки самтҳои асосиро дар соҳаи беҳтар намудани хизматрасонӣ дар бозори хизматрасониҳои гумрукӣ дар Тоҷикистон барои давраи оянда таҳия намоем.

**1.** Пеш аз ҳама арзёбии самтҳои афзалиятноки зерини рушди системаи лабораторияҳои гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур медонем:

- ✓ ташхиси босифату саривақтии лаборатория ва таҳқиқоти экспертӣ барои мақомоти гумрук дар ҳаҷмҳои зарурӣ ва дар тамоми доираи НМ ФИБ;

✓ таъмини мақомоти гумрук бо технологияҳои таҳқиқотии коршиносӣ дар ҳамаи марҳилаҳои пешбурди амалиёти гумрукӣ, махсусан ҳангоми барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукии моли аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда;

✓ пурзӯр кардани нақши бахшҳои экспертизаи судӣ ва беҳтари намудани фаъолияти лабораторияҳои гумрукии марказӣ ва минтақавӣ;

✓ ҷорӣ намудан ва такмил додани усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки экспертӣ ва усулҳои лабораторӣ;

✓ рушди иқтидори илмӣ, таълимӣ, методӣ ва истеҳсолии лабораторияҳои гумрукӣ бо хароҷоти ҳадди ақал;

✓ компютеронии ҷойҳои корӣ ва ташкили махзани ташхис ва таҳқиқот дар лабораторияҳои гумрукии марказӣ ва минтақавӣ;

✓ таҳлил ва таснифи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ХГҶТ доир ба ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти лабораторияҳои гумрукии марказӣ ва минтақавӣ бо мақсади таҳияи пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии кори онҳо.

Бо назардошти беҳдошти самаранокии бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, дар амал истифода намудани фаъолияти СЯАИ амалкунанда, раванди интихоби молҳое, ки дар ЛМГ аз экспертиза гузаронида мешаванд, зарур аст.

Дар ин радиф яке аз самтҳои афзалиятнок дар баррасии номгӯйи молҳои интиқолдодашуда аз қаламрави гумрукӣ ба инобат гирифтани хавфҳое мебошад, ки дар ЛМГ истифодаи назорати пояи асбобҳою таҷҳизотҳо, арзёбии воситаҳои кимиёвии гузаронидани экспертизаро дар назар дорад. Ғайр аз ин зарур аст, ки молҳои дар низомҳои барои коркард берун аз қаламрави гумрукӣ таҳти назорати гумрукӣ интиқол додашуда, сари вақт ва хушсифат таҳлил карда шаванд.

Инчунин, ба таҳия ва татбиқи усулҳои таҳқиқоти молҳо бо мақсади муайян намудани кишвари истеҳсолкунандаи онҳо диққати махсус додан лозим аст, зеро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ин масъала усулҳои тасдиқшуда амалан мавриди истифода қарор дода намешаванд, чунки ташкилотҳои эксперии фаъолияткунанда надоранд.

**2.** Рушди минбаъда ва такмили заминаи меъёрии танзимкунандаи фаъолияти хадамоти гумрук бо назардошти чунин қисматҳо муҳим аст, аз ҷумла:

✓ тартиби муайян кардани ашёи хом дар маҳсулот ва муқаррар намудани меъёрҳои ҳадди ақалли ҳосилнокии маҳсулот ҳангоми истифодаи низомҳои коркарди гумрукӣ;

✓ маводи методию илмӣ оид ба арзёбии моли боздошташуда ва ба моликияти давлатӣ табдилёфта;

✓ истифодаи технологияҳои муосири ҳамкории мақомоти гумрук ва лабораторияҳо дар вақти гузаронидани мониторинги молҳо, пешгирии интиқоли молҳои қалбакӣ аз қаламрави гумрукии кишвар ва таъмини ҳимоя ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ;

✓ арзёбии ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки сифати молу маҳсулоти воридотӣ, аз ҷумла молҳои хӯроквориро ба танзим медароранд;

✓ истифодаи самараноки нерӯи илмию техникии ЛМГ ва минтақавии гумрукӣ ҳангоми пешбурд ва натиҷагирии экспресс-анализҳо, таҳлили молҳо ва ғ.

Дар баробари ин, лабораторияҳои гумрукӣ бо назардошти хусусияти криминогении фаъолияти иқтисодии хориҷӣ маҷбур мешаванд, ки нақши воҳидҳои экспертизаи криминалистиро, аз ҷумла тавассути ҷорӣ намудани усулу воситаҳои экспертизаи муосир дар амалияи гумрукӣ пайваста пурзӯр намоянд [9] .

Вобаста ба ин дар ҷумҳурӣ усулҳои омӯзиши объектҳои экспертизаи криминалистӣ ва штрих-рамзгузорӣ, як қатор пешниҳодҳои илман асоснок оид ба беҳтар намудани ҳифзи ҳуҷҷатҳои гумрукӣ, стикерҳои топографӣ, тамғаҳои аксизӣ ва ғайра зуд таҳия карда, системаҳои автоматиконидашудаи ҷустуҷӯ ва коркарди иттилоот барои назорати ҳақиқӣ, муҳр ва штампҳо, шаҳодатномаҳои кишварҳои истеҳсоли мол ва ғайра омода гардидаанд.

**3.** Самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти лабораторияҳои гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

✓ созмон додани филиали лабораторияи марказӣ дар назди раёсатҳои минтақавии гумрук дар шаҳри Хуҷанд, шаҳри Турсунзода, шаҳри Хоруғ ва Панҷи Поён;

✓ ташкил намудани кафедраҳои “амнияти иттилоотӣ” дар назди мактабҳои олии кишвар ва таъмини муносибати мутақобилаи онҳо бо ЛМГ ХГ ҶТ;

✓ созмон додани системаи ягонаи автоматиконидаи гузаронидани экспертизаи гумрукии молҳо дар сохтори низоми ягонаи автоматиконии иттилоот ва беҳтар кардани фаъолияти он;

- ✓ ташкили маҳзани маълумоти коршиносии ЛМГ;
- ✓ пурзӯр намудани нақши хадамоти иттилоотии компютерии ЛМГ ва ғайра.

Инчунин, барои ошкор намудани кӯшишҳои қалбакӣ кардани мол ва ҳуҷҷатҳои интиқолӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ гузаронидан зарур аст:

- ➢ такмили фаъолияти таҳқиқотии лабораторияҳои гумрукӣ оид ба экспертизаи молҳо;
- ➢ илман асоснок намудани такмили усулҳо ҳангоми гузаронидани амалиёти тафтишотӣ ва чорабиниҳои фаврӣ- ҷустуҷӯӣ;
- ➢ таҳияи ноу-хау, ки ба усулҳои лабораторӣ декларатсияҳои нодуруст таҳияшударо муайян кунанд;
- ➢ банақшагирӣ, таҳияю татбиқи усулҳо ва воситаҳои илмию техникии экспертизаи судӣ, ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, тамғаҳои аксизӣ, стикерҳои голографӣ ва ғайра;
- ➢ омӯзиш ва таҳияи усулҳои нави таҳқиқи молҳои “криминогенӣ” дар қаламрави кишвар ва минтақаҳои он;
- ➢ таҳияи масъалаҳои таъминоти иттилоотӣ, компютерӣ ва фондҳои асосии ҳозиразамони лабораторияҳои гумрукӣ ва ғайра.

Дар маҷмуъ татбиқи механизми ташкилии пешниҳодшудаи такмили фаъолияти гумрукӣ, аз ҷумла хизматрасонии экспертизаи гумрукии молҳо ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ метавонад бо таври назаррас барои баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ бо истифодаи воситаҳои инноватсионӣ ба роҳ монда шавад. Инчунин бо ин васила рушди босуботи иқтисодиёт, таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ, истифодаи механизмҳои иқтисодиёти сабз, дуруст ба роҳ мондани ҳамгироии байналмилалӣ амалӣ мегардад.

## АДАБИЁТ:


1. Андреева Е.И. Развитие методологии и совершенствование механизма управления идентификацией товаров в таможенных целях: монография / Е.И. Андреева. М.: РИО Российской таможенной академии, 2016. -202 с.
2. Комилов С.Дж., Файзуллоев М.К. Основы развития инновационной деятельности предприятий /С.Дж. Комилов, М.К. Файзуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 117 с.
3. Математика для экономистов: в 6 т.: под.ред. А.Ф. Тарасюка. – М.: ИНФРА – М, 2000. -298с.; Четыркин Е.М. Статистические методы прогнозирования / Е.М.Четыркин. - М.: Статистика,1975. - 184 с.
4. Раджабов Р.К., Хикматов С. Таможенная система: состояние, проблемы и инновационное развитие/Под ред. профессора Факерова Х.Н.-Душанбе: Сумани кудрат, 2012.-196 с.
5. Раджабова Н.Р.,Факеров Х.Н. Совершенствование механизма управления инфраструктурного потенциала таможенных органов Таджикистана// Вестник Таджикского государственного университета коммерции, 1 (51)-2024.- Душанбе, 2024.-С. 17-27.
6. Раҷабов Р.К., Хикматов С.И., Раҷабова Н.Р. Иқтисодиёти фаъолияти гумрук. Китоби дарсӣ. -Душанбе: Ирфон, 2021.-185с.
7. Раҷабова Н.Р.,Факеров Ҳ.Н. Рушди хизматрасонӣ оид ба экспертизаи гумрукии молҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2 (52)-2024.-Душанбе, 2024.-С. 385-397.
8. Самиев Ф.Б. Формирование и развитие рынка таможенных услуг и его экономического потенциала в Республике Таджикистан: дисс. … канд. экон. наук: 08.00.05/ Фахриддин Бобоевич Самиев. -Душанбе, 2006. -170с.
9. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года.-Душанбе, 2016.-110с.
10. Экономическая энциклопедия: науч.-ред. Сов изд-ва «Экономика»; Ин-т экономики РАН; гл. ред. Л.И.Абалкин. -М.: ОАО “Изд-во «Экономика», 1999. - 1055 с.
11. https: //otzyvmarketing.ru/articles/pest-analiz-chto-eto-perechen-faktorov-4-primera/?ysclid=m4hzses3hg363126570 (рузи муроҷиат 15.10.2024).

## REFERENCES:


1. Andreeva E.I. Development of methodology and improvement of the mechanism for managing the identification of goods for customs purposes: Monograph / E.I. Andreeva. M.: RIO Russian Customs Academy, 2016. - 202 p.
2. Komilov S.Dzh., Fayzullayev M.K. Fundamentals of innovation development in enterprises / S.Dzh. Komilov, M.K. Fayzullayev. – Dushanbe: Irfon, 2004. – 117 p.
3. Mathematics for economists: in 6 volumes: edited by A.F. Tarasyuk. – M.: INFRA-M, 2000. - 298 p.; Chetyrkin E.M. Statistical methods of forecasting / E.M. Chetyrkin. - M.: Statistics, 1975. - 184 p.
4. Radzhabov R.K., Hikmatov S. Customs system: state, problems, and innovative development / Edited by Professor Fakerov K.N. - Dushanbe: Sumani Kudrat, 2012. - 196 p.
5. Radzhabova N.R., Fakerov K.N. Improvement of the mechanism for managing the infrastructure potential of customs authorities in Tajikistan // Bulletin of Tajik State University of Commerce, 1 (51) - 2024. - Dushanbe, 2024. - P. 17-27.
6. Rajabov R.K., Hikmatov S.I., Rajabova N.R. The economy of customs activities. Textbook. - Dushanbe: Irfon, 2021. - 185 p.
7. Rajabova N.R., Fakerov K.N. Development of customs expertise services in the Republic of Tajikistan // Message of Tajik State University of Commerce, 2 (52) - 2024. - Dushanbe, 2024. - P. 385-397.
8. Samiev F.B. Formation and development of the customs services market and its economic potential in the Republic of Tajikistan: Dissertation ... Candidate of Economic Sciences: 08.00.05 / Fakhreeddin Boboevich Samiev. - Dushanbe, 2006. - 170 p.
9. National Development Strategy of the Republic of Tajikistan until 2030. - Dushanbe, 2016. - 110 p.
10. Economic Encyclopedia: Scientific-editorial board of the publishing house "Economy"; Institute of Economics RAS; Chief editor L.I.Abalkin. - M.: JSC “Publishing house “Economy”, 1999. - 1055 p.
11. https://otzyvmarketing.ru/articles/pest-analiz-chto-eto-perechen-faktorov-4-primera/?ysclid=m4hzses3hg363126570 (Accessed 15.10.2024).